# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ оид ба кори диссертатсионии Толибзода Умеда Олим дар мавзӯи *«Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ»*, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) пешниҳод шудааст.**

Толибзода Умеда Олим (Толибова Умеда Олимовна) соли 2004 факултети "Химияи биологӣ"- и шуъбаи химияи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ аз рӯйи ихтисоси «химик-омӯзгор» хатм кардааст. Аз соли 2005 то инҷониб дар Озмоишгоҳи "Сифати об ва экология" – и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИМОГЭЭ НАНТ) фаъолият намуда, дар вазифаҳои зерин адои вазифа намудааст: ходими хурди илмӣ (аз моҳи январи соли 2008 то моҳи октябри соли 2009), ходими илмӣ (аз моҳи январи соли 2009 то моҳи октябри соли 2011) ва ходими калони илмӣ (аз моҳи октябри соли 2011) то инҷониб.

Толибзода Умеда Олим дар асоси қарори Шӯрои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 02.11.2020 таҳти №10/3.9 ба ҳайси унвонҷӯи Институт қабул гардида, рисолаи номзадиаш дар мавзӯи *"Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ"* тасдиқ гардидааст.

Мубрамии мавзӯи кори диссертатсионии Толибзода У.О. вобаста ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок ба шумор меравад, асос карда мешавад. Зиёда аз ин, мусаллам аст, ки масъалаи таъмини оби нӯшокӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот хусусияти хоси худро дорад. Сифати оби нӯшокӣ новобаста аз дигаргуншавии сохтори шаҳрдорӣ, рушди инфрасохтор ва соҳаи кишоварзӣ аҳамияти худро гум накарда, дар ҳама давру замон ва

шароитҳои мухталиф, масъалаи муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар шароити шаҳрҳо ва чӣ дар деҳот таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар аксариятҳо ҳолатҳо аз обҳои рӯизаминӣ сарчашма мегирад. Дар ин зимн, зикр намудан ҷоиз аст, ки оби дарёҳои Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хос доранд. Зеро, бо зиёд гардидани аҳолӣ дар шаҳраку деҳот масъалаи таъмини оби нӯшокӣ, чӣ аз манбаҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ аҳамияти хоса касб намуда, ҳалли мушкилоти мазкур андешидани тадбирҳои зарурию саривақтиро тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, арзёбии сифати оби манбаҳои рӯизаминии таъмини оби нӯшокӣ дар мисоли ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва ҳамчунин обҳои зеризаминии минтақаи Кӯлоб (ҷиҳати гузаронидани таҳлили қиёсӣ), яке аз масъалаҳои ҳалталаб барои гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ муҳиму саривақтӣ ба шумор мераванд.

Кори диссертатсионии Толибзода У.О. аз пешгуфтор, 4 боб, хулосаҳои асосӣ, 2 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 127 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 155 саҳифаи чопӣ иборат буда, 110 саҳифаи он матни асосӣ мебошад. Миқдори расмҳо 53 адад ва ҷадвалҳо 26 ададро дар бар гирафта, санадҳои дар амал татбиқшавии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Дар муқаддима ва қисмати муқарраротии кори диссертатсионӣ аҳамияти интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ, алоқамандии он бо стратегияҳо ва барномаҳои илмӣ оварда шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия оид ба хусусиятҳои гидрологии манбаҳои обии шаҳри Душанбе таҳлилҳо гузаронида шуда, нисбати раванди ташаккулёбии сифати об ва ҳолати экологии онҳо, таҳқиқотҳо гузаронида шудааст. Зимни таҳлили моддаҳои химиявӣ ва хусусиятҳои

физикии обҳо муайян карда шудааст, ки консентратсияҳои ионҳо дар манбаҳои обии шаҳри Душанбе муътадил буда, асосан такриби обҳо камнамак мебошад.

Масъалаҳои истифодаи объект ва усулҳои таҳқиқот дар **боби дуюми** диссертатсия оварда шуда, ҳамзамон дар таҳқиқот усулҳои экологӣ, санитарию токсикологӣ истифода карда шудааст. Усулҳои омӯзишии гидрологӣ бо истифода аз технологияи низоми иттилоотию ҷуғрофӣ ва объекти омӯзишӣ (ҳудуди шаҳри Душанбе) дар шакли тақсимкунии чаҳоркунҷагӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳар як чаҳорчӯба минтақаи муайянро дар меъёри муайян дар бар мегирад ва барои омӯзиш имконияти васеъ фароҳам меоварад.

**Боби сеюми** кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи сифати манбаҳои обӣ ва омилҳои ба онҳо таъсиркунанда бахшида шудааст. Барои омӯзиши тамоюли тағйирёбии минерализатсияи ҳавзаи дарёи Варзоб ва Кофарниҳон дар давраи солҳои 2020-2022 нисбат ба давраи солҳои 1960-1980 таҳлили муқосавӣ гузаронида шудааст. Маълумоти солҳои 1960-1980 аз сарчашмаҳои адабиётҳо гирифта шуда, солҳои 2020-2022 бошад бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

Ҳамзамон, вобаста ба таҳлили масоили мазкур, ҷиҳати тадбиқи амсилаи биохимиявии раванди худтозашавии об ва муайян намудани тозашавии об дар сарчашмаҳо аз ҷониби мо таҷрибаҳо дар соҳили дарёи Варзоб гузаронида шудааст.

Дар **боби чоруми** диссертатсия натиҷаҳои арзёбии ҳолати гидрохимиявии манбаҳои обии шаҳри Душанбе ва минтақаи Кӯлоб ва коркарди чорабиниҳо ҷиҳати ҳифзи сифати манбаҳои об оварда шудааст.

Вобаста ба ин, барои арзёбии обҳои зеризаминӣ муаллиф таҳқиқотро солҳои 2022 – 2023 ба таври корҳои саҳроӣ ва санҷидани обҳо дар озмоишгоҳ анҷом дода, муқаррар карда шудааст, ки дар нуқтаҳои таҳқиқотӣ дар доираи меъёрҳои ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардиданд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадӣ назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосити диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар Конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи "Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ" ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои техникӣ, дотсент О.Ҳ. Амирзода

«09» 04. соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Бофанда 5/2
Email: orif2000@mail.ru
Тел.: (+992) 937287272

*Имзои д.и.т., дотсент Амирзода О.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори ШК ва К* С.С. Адамқулова